**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №______**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 апрели соли 2024, таҳти №26 барои сазовор донистани Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ)**

Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) дар таърихи 01 феврали соли 2024, суратмаҷлиси №18 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022, таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли таваллудаш 08.11.1987, соли 2015 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собитро бо ихтисоси теология, соли 2017 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар зинаи магистратура аз руйи ихтисоси кори иҷтимоӣ ва соли 2023 докторантураро аз руйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) хатм намудааст. Мавзуи рисолаи диссертатсионии Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар шурои олимони факултети фалсафа, таҳти №3 аз 28.10.2020 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гаштааст.

**Роҳбари илмӣ: Худойдодзода Фаррух Бегиҷон** – доктори илмҳои фалсафа, Сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Диноршоева Зарина Мусоевна** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ;

**Зокирзода Нусратулло Мелик** – номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Манғитов М.М омода карда шуда, аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Носиров С.Ш . ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси

мутахассис аз рӯйи ихтисоси 6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ буданашон ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Одинаев Б.А алоқамандии зич дорад асоснок карда мешавад

Одинаев Баҳодур оид ба мавзуи диссертатсия 7 маводи илмӣ таҳия намудааст. Ҳамаи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М].** Одинаев, Б.А. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10.– С. 215-219.

**[2-М].** Одинаев, Б.А. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода, А.У. Тағдиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 4. – С. 125-131.

**[3-М].** Одинаев, Б. А. Таълимоти зардуштия дар бораи оила [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 1. – С. 112-120.

**[4-М].** Одинаев, Б. А. Тарбияи иҷтимоӣ - ахлоқии фарзанд аз нигоҳи ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 4. – С. 84-92.

**[5-М].** Одинаев, Б.А. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 6. – С. 64-72.

**[6-М].** Одинаев, Б. А. Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 2. – С. 103-116.

**[7-М].** Одинаев, Б. А. Таҳаввули институти оила дар зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 118–127.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Зиёӣ Хуршед** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ, тақриз мусбат аст;

**Бердиев Шоназар** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, тақриз мусбат аст;

**Комилов Далер** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сармутахассиси Раёсати таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъидошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд: хуб мешуд агар муаллиф дар таълимоти зардуштӣ шумораи шоҳидонро дар ақди никоҳ аз чанд нафар ва аз тарафи кӣ будани онҳоро нишон медод; масъалаи якканикоҳӣ ва бисёрникоҳиро на ба таври омехта, балки ба таври равшан нишон медод; дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- масоили таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва

ислом аз диди намояндагони гуногуни илмҳои таърих ва диншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таърихӣ-динии заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия

**коркард карда шудаанд**;

- **исбот карда шуд**, ки дар таълимоти ислом оила ва муносибатҳои оилавӣ, аслан, тавассути меъёрҳои динӣ (Қуръон, ҳадисҳо) ба роҳ монда шуда, барои бастани никоҳ дар таълимоти зардуштия расидан ба синну соли никоҳӣ, розигии тарафҳо, пайрави зардуштия будан ва вуҷуд доштани шоҳид муҳим мебошанд;

**қайд карда мешавад,** ки бори нахуст омӯзиши таърихию диншиносии оила ва оиладорӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани никоҳ ва дигар паҳлуҳои институти оила дар таълимоти ислом дар доираи як таҳқиқоти маҷмуӣ ба иҷро расонида шудааст;

- **пешниҳод карда мешавад,** ки хубтар мешуд, ки зимни бунёди оила, ҳифзи он ва дигар ҷанбаҳои оилавӣ ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ахлоқӣ, оиладорӣ ва динии мардум эътибори ҷиддӣ дода, назорат оид ба таълими маърифати оиладорӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдор (аз ҷумла, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷоннок карда шавад;

- **муайян карда шуд,** ки масъалаи пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом баррасӣ шуда, бунёди хонавода дар асоси меъёрҳои исломӣ қонеъ намудани талаботи фитрию иҷтимоии инсон амалӣ мегардад;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** ғояҳо ва андешаҳои намояндагони афкори фалсафию диншиносӣ, сарчашмаҳои таърихии динӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба институти оила дар зардуштия ва ислом марбут мебошанд, ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия муаллиф ақида дар бораи он ки масоили ахлоқӣ, муоширати иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллӣ аз

ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ба шумор рафта, таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар замони ҳозира аҳамияти нав ба нав ба даст оварда истодаанд**, баён кардааст**.

Таҳлили муқоисавии пайдоиш ва инкишофи институти оила дар зардуштия ва ислом гузаронида шуда, арзиш ва аҳаммияти муқаддасоти оиладорӣ дар фарҳангу тамаддуни зардуштия ва ислом ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим **муайян карда шудаанд.**

**Омӯхта шудааст**, ки дар таҳлил ва таҳқиқи масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом то андозае нақши олимони ватанӣ А.Ғ. Холиқзода, Ш.П. Бердиев, Ҳ.Ҳ. Муминҷонов, М. Ҳазраткулов, Қ. Нурулҳақов, С.Х. Раҳимов, Д.С. Раҳмон, У.А. Азиззода, Ф.Т. Тоҳиров, А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода ва аз олимони хориҷӣ, Д. Фарҳангмеҳр, К. Бортилма, М. Бойс, А.Г. Периханян, А. Озаргушасб, М. Рашшод ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

**Пешниҳод гардид**, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ба манфиат мебуд, ки муассисаҳои таълимӣ мутахассисонро дар руҳияи ҷаҳонбинии васеи илмӣ – диншиносӣ, бохабар аз таъриху тамаддуни давлату миллати худ ва фарҳанги миллии оиладорӣ тарбия намоянд. Аз ин рӯ, диссертатсия ҳамчун мавод имкон медиҳад, ки китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ ва ғ. таҳия гарданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои илмии ба даст омада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳои илман асоснокгардида, бо усули муносибати муназзам, инчунин бо таҳлили шароитҳои объекти таҳқиқот, маҷмуи методҳои усули таърихӣ-фалсафӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ (абстрактӣ) ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ ва тафсирӣ муайян мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,

мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва чобачогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 апрели соли 2024 Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) сазовор дониста шуда, қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд.

Аз 15 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фалсафа** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

11 апрели соли 2024